**Маълумотнома оиди баҳрабаранда Гулмуродова Фирӯза – ЛТСК ВМ ҶТ**

Гулмуродова Фируза сокини кӯчаи Тугаланг, ҷамоати Ҳаллеварди ноҳияи Ҷ.Балхӣ солҳо боз ҳамчун саҳмдори хоҷагии деҳқонии "Хулафои рошидин" кору фаъолият мекард. Баъди аз "Лоиҳа



тиҷоратикунонии соҳаи кишоварзӣ" огоҳӣ пайдо кардан (вохӯрии сатҳи деҳа), фавран ба Агентии рушд-ТҶ Агросервис Консалтинг" бо дархост барои ҳамкорӣ муроҷиат намуд. Кормандони ин ташкилот имкониятҳои ӯро омӯхта, барои сохтани нақшаи тиҷоратӣ кумак расонида, инчунин ӯро то мақомоти дахлдори давлатӣ ва институтҳои молиявии маҳаллӣ хамроҳӣ карданд. Дар натиҷа соҳибкори мазкур аз грантҳои



ҳиссавии ЛТСК тариқи ҶСП ТАҚХ "Ҳумо" бархурдор гашт. Номбурда дар ҳиссаи замини худаш аз ҳисоби заминҳои хоҷагиҳои деҳқонии "Хулафои рошидин" дар масоҳати 400 м2 гармхонаи барҳавои замонавӣ бунёд кардааст. Хароҷоти умумии сохтмони гармхона 56600-сомониро ташкил медиҳад, ки аз ин 25294-сомонӣ ҳамчун қарзи имтёзнок ва 24306-сомонӣ ҳамчун грант ба ӯ пешниҳод шудааст. Саҳми худи соҳибкор 7000-сомониро ташкил медиҳад. Қобили қайд аст, ки баъди маблағгузорӣ шудани зерлоиҳа, яъне аз моҳи октябри соли 2020 соҳибкори навмашқ дарҳол ба бунёди гармхона оғоз намуд ва аллакай дар моҳи декабри ҳамон сол онро мавриди баҳрабардорӣ қарор дод. Дар моҳҳои март-маи соли равон аз ҳудуди гармхона зиёда аз 3000 кг помидори



хушсифат бо нархи 10-13 сомонӣ ба мардум пешниҳод намуда, зиёда аз 35000-сомонӣ даромад гирифтааст. Айни ҳол дар гармхонаи ӯ ҳосили дуюми помидор нашъунамо карда истодааст. Номбурда боварӣ дорад, ки бо ин роҳ ҳам рӯзии аҳли оиларо таъмин намуда ва хам ҳиссаи қарзи бонкиро дар вақташ бармегардонад. Ҳоло ӯ ҳамчун соҳибкори мустақил кору фаъолият карда, аз бахти баланди хеш ва кумаку дастгириҳои Ҳукумати кишвар ва созмонҳои байналмилалӣ меболад. Дастгирӣ ёфтани чунин занҳои чаққону меҳнатдӯст намунаи олии риояи

талаботҳои гендерӣ ва дастгирии соҳибкорони навмашқ мебошад. Дар расмҳо рафти сохтумони гармхона ва мониторинг.